# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Назар Бохруло дар мавзуи “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз дурахшонтарин чеҳраҳои фарҳангӣ ва нобиғаҳои фарзонаи афкори адабӣ-бадеӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ, каломӣ-тасаввуфӣ ва фалсафии тоҷику форс ба ҳисоб меравад, ки бо осори ғановатманду гаронмоя ва пурмуҳтавову ҷавҳарниҳоди оламгири худ дар таърихи адабиёту фарҳанги асримиёнагии тоҷик маъруфияти хос пайдо кардааст. Осори сеҳрофарини ӯ анқариб тамоми муаммову мушкилоти фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ-зебоишиносӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳаётиву фарҳангие ҷой надорад, ки аз ин ё он ҷиҳат фаро нагирифта шуда бошад. Доманаи мавзуву масъалагузории осори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ хеле паҳновару серпаҳлӯ ва фаррох мебошанд.

Мавзуи интихобнамудаи Назар Бохруло зери унвони “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” мубрам буда, аз ҷониби муаллифи рисола ба доираи таҳқиқ фаро гирифта шудааст. Ва бо назардошти вазифаю мақсадҳои пешгузошташуда, мавзуи мазкур аҳаммияти возеҳи илмӣ дорад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, панҷ зерфасл, хулоса ва рӯйхати мақолаҳои нашршуда иборат буда, муҳтавои асосии мавзуи таҳқиқшаванда аз ҷониби муаллиф дар ҳар як фасл ба таври мантиқӣ таҳқиқ шудааст.

Қисмати муқаддимаи диссертатсияи илмӣ мувофиқи талаботи ин намуди корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он муаллиф аз муҳиммияти интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия ва ҳамчунон, масъалаҳои меҳварӣ барои дифоъ маълумот додааст.

Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои муқаддимавии диссертатсия аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Дар боби аввали диссертатсия – “Назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ оид ба нақш ва ҷойгоҳи қофия ва радиф дар шеър” – муҳаққиқ асосан андешаҳои Ҷомиро оид ба назариёти адабӣ ва қофияву радиф дар заминаи осори манзум ва «Рисолаи қофия» таҳлил ва арзёбӣ кардааст.

Муаллифи диссертатсия дар боби дуюм, ки “Қофия ва нақши он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” унвон гирифтааст, асосан масъалаи истифодаи бамавриди қофияро дар ғазалиёти Ҷомӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз андешаи муаллиф бармеояд, ки Мавлоно Ҷомӣ аз он шоирони муваффақ ва мубтакир аст, ки ин унсури калидии шеърро дар ғазалиёташ дониставу тавониста истифода бурдааст. Муаллиф барои исботи андешаҳои худ мисолҳои зиёд оварда, таҳлил кардааст. Аз ҷумла, оид ба нақши қофия дар таҷрибаи Ҷомӣ, хусусан ғазалҳояш чунин таъкид мекунад, ки: «Қофия дар таҷрибаи эҷодии Ҷомӣ, пеш аз ҳама, ҳадафҳои ғоявию мундариҷавӣ, ҳиссиву равонӣ, ваҳдати сохторӣ ва шаклсозӣ дошта, андешаҳои шоирро низом бахшидааст”.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони “Радиф ва таҳаввули он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” унвон дошта, аз ду фасл ва панҷ зерфасл иборат аст. Муаллиф дар фаслҳои боби мазкур масъалаи радифро, ки унсури муҳимми шаклсоз ва маъниофари шеъри форсии тоҷикӣ мебошад, мавриди пажуҳиш қарор додааст. Чунон ки маълум аст, радиф дар шеър бар тақвияти қофия меояд ва таносуби комилро дар шеър ба вуҷуд меорад, зебоӣ ва моҳияти суханро маъно мебахшад. Диссератант мавқеъ ва ҷойи радифро дар ғазалҳои Ҷомӣ баррасӣ намуда, онҳоро ба радифҳои феълӣ, исмӣ, сифатӣ, зарфӣ, масдарӣ, ҷонишинӣ, маъмулӣ ва ғайриодӣ ҷудо кардааст ва ба ин намунаҳо мисолҳои зиёд оварда, ҷузъҳои радифҳоро, ки аз ду ҳисса таркиб ёфтаанд, низ таҳқиқ кардааст.

Автореферати диссертатсияи мавриди назар аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пеш аз ҳама, зимни таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои асосӣ истиқлоли андеша ба мушоҳида мерасад. Натиҷаҳои асосӣ хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Бандубаст ва мухтавои автореферати мазкур ба талаботи фаннию сохтории кунунӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари дастовардҳои зиёд дар он баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии корҳои баъдии пажуҳишии довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур мешуморем:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ ба таври умумӣ баён шудааст, ки он бояд мушаххастар ифода меёфт.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо ба сифати кор меафзоояд.

Ба таври умум, камбудиҳои зикргардида асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзиш ва аҳамияти илмиву амалии диссертатсияи муҳаққиқро коҳиш намедиҳанд. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки мақсад ва вазифаҳои дар муқаддимаи рисола гузошташуда асосан иҷро гардида, мазмуну муҳтаво ва ҳаҷми он ба талаботи таълифи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи "Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Доктори илми филология, дотсенти
кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ Ашурова Н.Ҷ.

«Имзои Ашурова Н.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (+992) 918133849

12.04.2023